Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Суроға: 734025, ш. Душанбе, маҳаллаи
Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён,
бинои таълимии 7, ауд. 102

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) пешниҳод шудааст**

Ҷаҳони муосир бо таъсири технологияҳои рақамӣ дигар мешавад, хусусан иқтисодиёт ва равандҳои идоракунии фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо дар таҳти таъсири технологияҳои рақамӣ рушд меёбанд. Ҳамзамон, корбурди воситаҳои муосири рақамикунонии иқтисодиёт мушкилоти навро дар назди низомҳои идоракунии корхонаҳои муосир ба миён меорад. Аз ҷумла, раванди қабули қарорҳои идоракунӣ, ки дар корхонаҳои муосир бо истифода аз иттилооти дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ ташаккулёфта амалӣ мешавад, дар шароити иқтисодиёти рақамӣ водор менамояд, ки паҳлуҳои гуногуни татбиқи технологияҳои рақамӣ таҳлил карда шуда, имконияти истифодаи онҳо барои рушди баҳисобгирии идоракунӣ арзёбӣ карда шаванд. Дар баробари ин рақамикунонӣ дигар шудан ва рушди методикаи баҳисобгирии идоракунӣ, равишҳои коркард ва пешниҳоди иттилооти дар доираи он ташаккулёбандаро талаб мекунад. Дар ин замина баҳисобгирии идоракунӣ бояд рушди мувофиқ ва мутобиқати худро ба талаботи иқтисодиёти шакли нав, ки дар он мақоми иттилоот муҳим аст, таъмин намояд. Ҳамаи ин гуфтаҳо аз муҳиммият ва мубрамии мавзуи диссертатсия, ки муҳтавои автореферати онро мо таҳлил ва арзёбӣ мекунем, гувоҳӣ медиҳад. Шиносоӣ бо автореферат ба мо имкон дод, ки ба муҳтавои диссертатсия сарфаҳм равем ва нуктаи назари худро дар бораи он иброз кунем.

Аз натиҷаи таҳлили муҳтавои автореферат ҳаминро қайд мекунем, ки диссертатсия натиҷаи кори илмии арзандаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ буда, ба таҳқиқи амиқи адабиёти тахассусӣ, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи иттилооти воқеии саҳеҳ асос ёфтааст. Дар он масъалаҳои мубрами рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ва корбурди

технологияҳои иттилоотии муосир, мушкилоти ташаккули иттилооти саривақтӣ ва пурра оид ба ташаккули хароҷот ва арзиши аслии маҳсулот дар корхонаҳо, масъалаҳои асосии татбиқи технологияҳои муосири рақамикунонӣ дар пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд. Довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси омӯзиши адабиёт, таҷрибаи ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои ватанӣ, таҳлил ва арзёбии имконияти бастаҳои барномавии муҳосибӣ андешаҳои худро дар бобҳо ва параграфҳои алоҳида вобаста ба мазмуни онҳо дарҷ намудааст.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва ҳам коркардҳои амалӣ вобаста ба мавзуъ пурра ва мукаммал мебошанд. Диссертатсия таҳқиқи аксари масъалаҳои мубрами назариявӣ ва амалии бо баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ва корбурди технологияҳои иттилоотии муосир алоқамандро фарогир мебошад.

Яке аз нуктаҳои барои илми муосири баҳисобгирии муҳосибӣ арзишманди дар диссертатсия таҳияшуда, ин тафсири муаллифии мафҳуми баҳисобгирии идоракунӣ мебошад, ки дар он якҷояшавии намудҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ, вазифаҳои идоракунӣ ва баҳисобгирӣ дар дохили корхона ба инобат гирифта шудааст (саҳ. 9). Вобаста ба ин, довталаби дараҷаи илмӣ нақши муҳими иттилооти омоданамудаи баҳисобгирии идоракуниро барои такмили истеҳсолот, кам кардани хароҷот, беҳгардонии таркиби хароҷот ва иҷрои дигар вазифаҳои идоракунии дохилӣ қайд кардааст.

Муаллиф амсилаи таркиби воситаҳои рақамикунониро, ки кори муносиби низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунии дар асоси ERP сохташударо таъмин мекунад, тартиб додааст (саҳ. 16), ки ба андешаи мо, аз ҷиҳати амалӣ барои корхонаҳои ватанӣ хеле арзишманд мебошад. Ҳамчунин андешаҳои муаллиф оид ба корбурди бастаҳои барномавии муҳосибӣ, ки метавонанд барои рушди баҳисобгирии идоракунӣ истифода шаванд (саҳ. 19-20) аз ҷиҳати амалӣ ҷолиб мебошанд. Тавре ӯ қайд кардааст, ташаккули муҳити иттилоотии ягона дар корхонаҳои истеҳсолӣ барои фарогир намудани тамоми равандҳои тиҷоратӣ ва равандҳои баҳисобгирии муҳосибии ҳамгиро дар ҳамаи воҳидҳои истеҳсолии корхонаҳо ва воҳидҳои сохтории онҳо имкон медиҳад.

Аз таҳлили муҳтавои автореферат бармеояд, ки ҷиҳатҳои назариявию методологӣ ва амалии арзишманди диссертатсия зиёд мебошанд. Бо вуҷуди ин, агар муаллиф дар таҳқиқот ба якчанд нуктаҳо диққат медод, арзиши илмию амалии таҳқиқот бештар мегардид. Ин нуктаҳо ҳамчун эрод ба муҳтавои автореферати диссертатсия пешниҳод карда мешаванд:

1. Аз муҳтавои диссертатсия дида ба назар мерасад, ки таҳқиқот дар доираи корхонаҳои истеҳсолӣ бурда шудааст. Хуб мебуд, агар ба масъалаҳои рушди баҳисобгирии идоракунӣ бо истифодаи технологияҳои рақамӣ дар корхонаҳои соҳаҳои дигар (аз ҷумла хизматрасонӣ) низ таваҷҷуҳ зоҳир мегардид.

2. Дар таҳқиқот асосан барномаҳои муҳосибии ширкати 1С ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд. Оё дар корхонаҳои таҳқиқшаванда барномаҳои компютерии муҳосибии дигар истеҳсолкунандагон истифода намешаванд?. Аз муҳтавои автореферат ба ин савол ҷавоб пайдо карда нашудааст.

Бояд қайд кард, ки ин эродҳои тавсиявӣ мебошанд, камбудиҳои зикргардида ба арзиши илмию амалии автореферат ва диссетратсия таъсири манфӣ намерасонанд. Автореферат фишурдаи матни диссертасияро вобаста ба нуктаҳои асосӣ ва муқаррароти муҳими он ифода намудааст. Он зикри натиҷаҳои бадастоварда, тавсия ва пешниҳодҳои таҳиянамудаи муаллифро дар бар мегирад, ба талаботи омодасозӣ ва барасмиятдарории автореферат, ки бо Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ (бо қарори Раёсати КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, № 3 тасдиқ шудааст) муқаррар гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад. Автореферат натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқотро доир ба масъалаҳои рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ва истифодаи имконяити технологияҳои иттилоотии муосир дар бар гирифта, ба вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва навгониҳои илмии диссертатсия мувофиқ аст.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсия дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» тасдиқ мекунад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст) мувофиқ буда, муаллифи он Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин барои сазовор донистан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) арзанда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

н.и.и., мутахассис оид ба пардохтҳои “Лоиҳаи дуюми мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон”

Шамсиддинов М.М.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Шероз 35**

Имзои н.и.и., мутахассис оид ба пардохтҳо **Шамсиддинов М.М.-** ро тасдиқ мекунам**:**

Ҳамоҳангсози Лоиҳа

Нозимзода И.М.

30.12.2024

Сурога: 734064, шаҳри Душанбе, кучаи Шероз 35, хуҷраи 901 тел: (+992) 93-970-30-92: